**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021

Ба ҳолати 31 марти соли 2021 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 адад иштирокчии касбии бозори суғурта фаъолият менамоянд, ки сохтори он аз 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД), 17 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ ва 1 маркази дастгирии суғуртаи мутақобила иборат мебошад. Шумораи онҳо нисбат ба семоҳаи якуми соли 2020 бо роҳи додани иҷозатномаҳо ба ташкилотҳои суғуртавии навтаъсис, аз қабили ҶДММ «ДС суғурта» ва ҶСП ТС «Паймон Иншуренс» ба 2 адад зиёд гардиданд, ки ташкилотҳои мазкур барои таъмин гардидани рақобати солим дар бозори суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт таъсири мусбӣ мерасонанд. Шумораи умумии филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ 71 ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6 адад кам гардиданд.

***Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта***

*(бо адад)*

| | *3/2020* | *3/2021* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 15 | 17 | 2 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | **18** | **20** | **2** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 71 | -6 |

Дороиҳои умумии иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар семоҳаи якуми соли 2021 ба 481,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат

ба ҳамин давраи соли гузашта 1,1 фоиз камтар мебошад. Коҳишёбии умумии дороиҳо дар давраи ҳисоботӣ бинобар сабаби кам гардидани дороиҳои КВД "Тоҷиксуғурта", КВДС "Тоҷиксармоягузор", ЧДММ ТС "Бима" ва ЧДММ "ТС Меҳрубон" ба миён омадааст.

Ба интиҳои семоҳаи якуми соли ҷорӣ дар маҷмӯъ саҳми низоми суғурта дар низоми молиявии кишвар ба **1,7 фоиз** баробар шуд ва ҳаҷми умумии дороиҳои он бошад, дар ин давра **нисбат ба ММД 0,6 фоизро** ташкил намуд.

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи якуми соли 2021***




Дар семоҳаи якуми соли 2021 уҳдадориҳои тавозунии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ба 204,2 млн. сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 23,5 фоиз (62,6 млн. сомонӣ) кам мебошад.

***Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар 2015-2020 ва семоҳаи якуми соли 2021***




**Маблағҳои худии (сармояи)**[1] **низоми суғуртаи кишвар** дар семоҳаи якуми соли 2021 ба маблағи 277,6 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 25,6 фоиз (56,7 млн.

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

сомонӣ) зиёд мебошад. Ин раванд дар самти уствории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад. Бояд ёдовар шуд, ки қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда ба санаи 31 марти соли 2021 165,1 млн. сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 36,9 фоиз (ё 44,6 млн. сомонӣ) афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии афзоиши мазкур ин ба бозори суғуртаи кишвар ворид гардидани 2 ташкилоти суғуртавии навтаъсис (бо маблағи умумии сармояи оинномавӣ 22 млн. сомонӣ) ва аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ватанӣ таъмин гардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 “Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ба ҳисоб меравад.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи якуми соли 2021*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи якуми соли 2021*




**Шумораи умумии шартномаҳои басташуда** дар семоҳаи якуми соли 2021 ба 492,1 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2020 ба миқдори 623 адад (0,13 фоиз) афзоиш ёфтааст.

***Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи якуми соли 2021***



**Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** яке аз нишондиҳандаи инъикоскунандаи фаъолнокии ташкилотҳои суғуртавӣ ва сарчашми асосии даромади онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми умумии воридоти он дар семоҳи якуми соли 2021 маблағи 61,7 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 30,8 млн. сомонӣ ё 33,3 фоиз коҳиш ёфтааст. Чуноне, ки аз таҳлилҳо бармеояд, пастравии нишондиҳандаи мазкур дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ асосан аз ҳисоби кам гардидани воридоти мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ҶДММ “ТС Бима”, КВД “Тоҷиксуғурта”, КВДС “Тоҷиксармоягузор”, ҶДММ ТС "Итминон", ҶДММ “ТС "Меҳнат" ва ҶДММ “ТС Меҳрубон" ба амал омадааст.

***Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи якуми соли 2021***




Дар семоҳаи якуми соли 2021 воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)[2] аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 315,2 ҳазор сомонӣ ва 16 105,0 ҳазор сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 87,7 ҳазор сомонӣ (21,8 фоиз) ва 420,4 ҳазор сомонӣ (2,5 фоиз) кам гардидаанд.

Воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ бошад, дар давоми семоҳаи якуми соли 2021 ба 45,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 73,4 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавии иштирокчиёни касбии бозори

[2] Ҳаҷми воридоти умумии мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ҷудо мешаванд. Таҳлилҳои оморӣ исбот менамоянд, ки ҳиссаи бештари воридоти мукофоти суғуртавӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ рост меоянд.

суғуртаи кишварро ташкил медиҳад. Ҳаҷми воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ низ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 13,9 млн. сомонӣ ё 18,4 фоиз коҳиш ёфтааст.

*Диаграммаи 7. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи якуми соли 2021*




**Хавфҳои ба зиммагирифтаи иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар семоҳаи якуми соли 2021, 41 097,5 млн. сомониро ташкил додааст, ки он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 18,6 фоиз (6 456,1 млн. сомонӣ) зиёд гардидааст.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи онҳо дар семоҳаи якуми соли 2021, 28 563,6 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 426,1 млн. сомонӣ ё 18,3 фоиз низ афзоиш ёфтааст.

*Диаграммаи8. Хавфҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи I с.2021*




*Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи I с.2021*




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардида** бошад[3], дар семоҳаи якуми соли 2021 ба маблағи 11,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ин нишондиҳанда

---

[3] Амалиётҳои азнавсуғуртакунии ташкилотҳои суғуртавии кишвар, ки барои кам кардани уҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бинобар сабаби мавҷуд набудани ташкилоти азнавсуғуртакунии дар бозори суғуртаи кишвар тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода мешаванд.

дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 31,5 млн. сомонӣ ё 72,9 фоиз кам мебошад. Ин амалиёт асосан аз ҳисоби ба азнавсуғуртакунӣ кам интиқол дода шудани мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ҶДММ “ТС Бима”, КВДС “Тоҷиксармоягузор”, ҶДММ “ТС "Меҳнат" ва ҶДММ “ТС Меҳрубон" ба амал омадааст.

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** ба санаи ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбиро касб намуда, ба 3,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,2 фоиз (415,4 ҳаз. сомонӣ) коҳиш ёфтааст.

*Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи I соли 2021*




*Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва семоҳаи I соли 2021*




**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар семоҳаи якуми соли 2021 ба 24,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 1,6 млн. сомонӣ ё 6,7 фоиз зиёд мебошад ва ин нишондод аз мавриди истифодаи самаранок қарор гирифтани маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавии кишвар шаҳодат медиҳад.

Нишондиҳандаи даромаднокии низоми суғуртаи ҷумҳурӣ аз рӯи дороиҳо (ROA) дар семоҳаи якуми соли 2021 ба ҳисоби миёна 4,45 фоизро ташкил дода, нишондиҳандаи даромаднокӣ аз рӯи маблағҳои худӣ (сармоя) (ROE) бошад, ба 7,51 фоиз баробар гардид.

**Нишондиҳандаҳои асосии даромаднокии низоми суғурта дар семоҳаи якуми соли 2021**

